*Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-003-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, к. Буни Ҳисорак, шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии 7)*

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ Шарифзода Баҳром Маҳмуд, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент ба диссертатсияи Ҳанифаи Эмомӣ Азимзода дар мавзуи "Ташаккули низоми буҷетикунонии барномавию ҳадафманди рушди бахши саноат" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз**

## Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ

Мазмун ва мундариҷаи диссертатсияи Ҳанифаи Э.А. дар мавзуи "Ташаккули низоми буҷетикунонии барномавию ҳадафманди рушди бахши саноат" ба шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, Қисми 2 : Молияи давлатӣ, ҳудудӣ ва маҳаллӣ ва бандҳои зерини он: 2.4. Оияндабинӣ ва банақшагирии буҷетию андозӣ дар иқтисоди бозорӣ; 2.8. Муносибкунонии раванди буҷетӣ: такмили системаи идоракунии даромадҳо ва хароҷоти низоми буҷетӣ ва фондҳои мақсадноки давлатӣ; 2.15. Равишҳои консептуалӣ нисбат ба ташаккули муносибатҳои байнибуҷетӣ; 2.17. Механизмҳои тақсимкунии маблағҳои буҷетӣ; 2.19. Сохтори таснифоти вазифавӣ–иқтисодии буҷетӣ; 2.20. Дигаргунсозии системаи буҷетию андозӣ дар марҳилаҳои гуногуни рушди иқтисодиёт: фишангҳо ва моделҳои мутобиқсозӣ мутобиқ мебошад

## Мубрамияти мавзуи диссертатсия

Ташаккули низоми буҷетикунонии барномавию ҳадафманди рушди бахши саноат ҳамчун механизм ва воситаи инноватсионӣ дар Тоҷикистон бо чанд сабабҳо муҳим аст. Он барои баланд бардоштани самаранокии истифодаи маблағҳои бюҷетӣ давлатӣ, ки барои дастгирии бахшҳои афзалиятноки саноати миллӣ ва инфрасохтори истеҳсолии Тоҷикистон ҷудо мегарданд, беҳтар намудани фазои инвеститсионӣ бо мақсади ҷалби бештари сармоягузориҳои дохилӣ ва беруна, алалхусус сармоягузориҳои мустақим мусоидат мекунад.

Дар раванди ташаккули низоми буҷетикунонии ҳадафманди рушди бахши саноат захираҳои молиявии ҷалбгардидаи буҷетӣ давлатӣ ва

заҳираҳои хусусӣ мақсаднок ба ҷорӣ намудани технологияҳои хозиразамон ва баланд бардоштани хосилнокии меҳнат равон шуда, низ барои аз навсозии иктидорҳои фарсудаи истеҳсолӣ дар асоси ҷорӣ намудани техникаву технологияҳои муосир, барои дастгирии равандҳои нави истеҳсолӣ, инчунин ташкили фаъолиятҳои нав ва корхонахои дорои сатҳи баланди технологӣ таъмин карда мешавад.

Бо назардошти он, ки моҳияти асосии истифодаи усули барномави-буҷетии мақсаднок аз он иборат аст, ки раванди ташаккул ва истифодаи маблағҳои сарчамъшуда ( ҳам буҷетӣ ва хусусӣ) аз аввал ба ҳадафҳое, ки дар стратегияҳои миллӣ ва барномаҳои максадноки тараққиёти саноат ва иқтисодиёти миллӣ бо назардошти хусусиятхои мамлакат дарҷ шудаанд, равона гардида, чунин агоритм ва ҷузвҳои онро ҳамчун низоми комил бояд дар бар гирад:

*1. Таҳлили вазъи кунунии иқтисодиёт ва саноат:*

• Таҳлили муфассали вазъи кунунии соҳаи саноат, муайян кардани мушкилоти асосӣ ва муайян кардани самтҳои афзалиятноки рушди он;

• Муайян кардани соҳаҳои асосии саноат, ки ба дастгирии давлатӣ ва сармоягузорӣ ниёз доранд;

• Арзёбии самаранокии тақсимоти ҷории маблағҳои буҷетӣ ба саноат.

*2. Муайян кардани ҳадафҳо ва афзалиятҳо:*

• Муайян намудани ҳадафҳои стратегии дарозмуддат оид ба рушди саноат (масалан, афзоиши ҳиссаи маҳсулоти саноатӣ дар ММД, афзоиши иқтидори содирот, навсозии иқтидорҳои истеҳсолӣ ва ғ.);

• Муайян намудани самтҳои афзалиятноки мушаххас (масалан, дастгирии корхонаҳои хурду миёна, рушди бахшҳои мушаххас, аз қабили нассоҷӣ ё истихроҷи маъдан);

• Муайян кардани нишондиҳандаҳои мушаххаси миқдорӣ ва сифатӣ (KPI), ки тавассути онҳо ноил шудан ба ҳадафҳо баҳо дода мешавад.

*3. Таҳияи барномаҳои рушд*

• Таҳияи барномаҳои мақсаднок барои соҳаҳои афзалиятноки саноат, ки дар бар мегиранд тавсифи ҳадафҳои барнома, муайян кардани захираҳои зарурӣ (молиявӣ, моддӣ, инсонӣ), арзёбии натиҷаҳои пешбинишаванда ва таъсири иҷтимоию иқтисодии он, мӯҳлатҳо ва марҳилаҳои татбиқи барнома, нишондодҳоро барои арзёбии самаранокии он (масалан, таъсиси ҷойҳои корӣ, ҳаҷми истеҳсолот, иқтидори содиротӣ).

*4. Таҳияи заминаи меъёрӣ:* таҷдиди қонунгузорӣ ва таҳияи санадҳое, ки раванди буҷети барномавии мақсаднокро дар кишвар танзим мекунанд, муқаррар намудани қоидаҳои шаффофи ва дақиқи

тақсими маблағҳои буҷетӣ дар доираи барномаҳо ва афзалиятҳо, татбиқи механизмҳои мониторинги самаранокии истифодаи маблағҳо, аз ҷумла ҳисоботдиҳӣ ва аудит.

*5. Ташаккули сохтори идоракунӣ:* ташкили мақомоти ҳамоҳангсоз (масалан, кумитаҳо, комиссияҳо) барои идоракунии буҷети мақсаднок дар сатҳи вазорату идораҳо, таъин намудани мақомоти масъул барои таҳия ва татбиқи барномаҳое, ки бо дигар сохторҳо ва корхонаҳо ҳамкорӣ мекунанд, таҳияи механизмҳои ҳамоҳангсозӣ байни мақомотҳо гуногуни давлатӣва бахши хусусӣ бо мақсади мутобиқ будани ҳамаи барномаҳо бо стратегияи умумии рушди иқтисодӣ миллӣ.

*6. Маблағгузории барнома:* таҳияи механизмҳои банақшагирии буҷет ва тақсимоти маблағҳоро ба барномаҳо вобаста, таъмини механизми азнавтақсимкунии маблағҳои барномаҳо дар сурати тағйир ёфтани афзалиятҳо ё тағйир ефтани шароити иқтисодӣ, дарёеф ва истифодаи манбаъҳои иловагии маблағгузорӣ (грантҳои байналмилалӣ, қарзҳо, сармоягузории хусусӣ ва шарикии давлат ва бахши хусусӣ)

*7. Мониторинг ва арзёбии самаранокӣ: т*атбиқи системаи мониторинг ва арзёбии иҷрои барнома, ки бояд ҷамъоварии мунтазами маълумот дар бораи рафти иҷрои барнома, муқоисаи натиҷаҳои бадастомада бо нишондиҳандаҳои мақсаднок (KPI), мониторинги мунтазами самаранокии хароҷоти буҷет ва муайян кардани барномаҳое, ки таҷдиди назар ё бастани онҳоро талаб мекунанд.

*8. Тасҳеҳи барномаҳо ва мутобиқсозии стратегия:* баррасии мунтазами барномаҳои мақсаднок дар асоси натиҷаҳои мониторинг, ворид намудани тағйирот ба стратегияҳои рушди саноат бо назардошти таъсири омилҳои беруна ва доҳилӣ (масалан, тағйирёбии нархи ҷаҳонӣ ба ашёи хом).

Яъне, татбики ин усул барои рушди босуъати саноат имконияти иловагӣ дода, дар шароити муосири махдудияти заҳираҳои молиявии давлатӣ барои оқилона истифода ва тақсим намудани онҳо ва ҷалби сармоягузориҳои хусусӣ мусоидат мекунад.

Ҳамин тариқ, ташаккули низом ва ҷорӣ намудани усулҳои муосири буҷетикунонии ҳадафманди рушди бахши саноат дар Тоҷикистон ҳамчун сарчашмаи нав метавонад барои таъмини рушди босуръати саноат ва иқтисодиёти миллӣ дар асоси афзоиши рақобатпазирии молҳои ватанӣ дар бозори доҳилӣ ва беруна мусоидат намояд.

Аз ин лиҳоз, таҳқиқи асосҳои назариявии татбиқи низоми буҷетикунонии барномавиву ҳадафманд дар бахши саноати Ҷумҳурии

Тоҷикистон, муҳим арзёбӣ мегардад ва натиҷаҳои диссертатсия аҳаммияти назарраси илмӣ ва амалӣ дорад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия ба дастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд**

Навгонии илмии диссертатсияи Ҳанифаи Э.А. дар мавзуи "Ташаккули низоми буҷетикунонии барномавию ҳадафманди рушди бахши саноат" дар асоснок намудани ҷанбаҳои назариявӣ, таҳияи тавсияҳои методӣ ва амалӣ оид ба ташккули низоми самараноки буҷетикунонии барномавиву ҳадафманди бахши саноати кишвар иборат мебошад.

Навгониҳои илмии диссертатсия, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд чунин мебошанд:

– ҷанбаҳои назариявии ташаккули низоми буҷетикононии барномавию ҳадафманд бо таваҷҷуҳ ба афзалиятҳои нисбии (шаффофият, фаврият, мақсаднокӣ, самаранокӣ, ба натиҷа нигаронидашуда ва ғ.) он асоснок карда шудааст, ки имкон медиҳад истифодаи самаранок ва саривақтии маблағҳои буҷетӣ дар доираи татбиқи барномаҳои афзалиятноки рушди иқтисодиву иҷтимоии соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти миллӣ таъмин карда шавад;

– принсипҳо, ҷузъҳо ва шароитҳои асосии татбиқи буҷетикунонии барномавию ҳадафманд дар ҳошияи равиши лоиҳавӣ бо таваҷҷуҳ ба таснифоти гуруҳбандии тавсифии барномаҳои ҳадафманд ва мақсаднок асоснок шудаанд, ки барои ташаккули фазои мусоиди сармоягузорӣ ба бахши саноат дар алоқамандӣ бо дастгирии давлатӣ фароҳам оварад;

– тамоюлҳои рушди бахши саноат бо таваҷҷуҳ гуруҳбандии равандҳои муосири густариши тағйироти технологӣ, сохторӣ, истеҳсолӣ ва иқтисодиву иҷтимоӣ ва ҷой доштани камбудиҳо дар низоми мавҷудаи буҷетикунонӣ ва идоракунии давлатии рушди бахши саноат зарурати истифодаи консепсияи буҷетикунонии барномавиву ҳадафмандро асоснок намудааст;

– заминаҳои институтсионалӣ ва дурнамои татбиқи консеписяи буҷетикунонии барномавию ҳадафманд дар ҳошияи равиши лоиҳавӣ дар соҳаи саноат асоснок шуда, зинаи ибтидоии гузариши фарогир ба низоми мазкур пешниҳод шудааст;

– самтҳои афзалиятноки татбиқи равиши буҷетикунонии ҳадафманд дар бахши саноат асоснок шудаанд, бо назардошти татбиқи чорабиниҳои баҳамалоқаманд, инчунин, татбиқи амалии воситаҳои

рақамии муосир дар раванди банақшагирӣ ва лоиҳасозии буҷетикунонии барномавию ҳадафманди рушди корхонаҳои саноатӣ ; ташаккули фазои мусоиди ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ба рушди бахши саноат бо таваҷҷуҳ ба мутобиқ намудани сарфи маблағҳои ҷудошуда дар асоси принсипҳои буҷетикунонии барномавию ҳадафманди ба натиҷа нигаронидашуда;

- тақвияти робитаҳои амудӣ ва уфуқии ниҳодҳои танзими давлатии бахши саноат бо таваҷҷуҳ ба баланд бардоштани самаранокии банақшагирӣ, ташкил ва назорати буҷетикунонии барномавию ҳадафманди ба натиҷа нигаронидашуда;
- роҳҳои такмили низоми буҷетикунонии ҳадафманд дар шароити муосири густариши технологияҳои рақамӣ бо таваҷҷуҳ ба мушаххас намудани унсурҳои вурудӣ (стратегияҳо ва ҳадафҳо, сохтори ташкилӣ, воситаҳои таъсирасон) ва хуруҷии он (ташаккули сиёсати молиявӣ, таъмини рақобатпазирӣ, татбиқи консепсияи воридотивазкунӣ), , ки ҷиҳати ноил гардидан ба ҳадафҳои саноатикунонии босуръати иқтисоди миллӣ мусоидат менамояд, асоснок шудаанд.

Дар **Муқаддимаи таҳқиқот** ( с. 4-14) мубрамият ва дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, мақсад ва вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқот, фарзияи таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, сарчашмаи иттилоотӣ, эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот, навовариҳои илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, интишорот ва сохтори диссертатсия асоснок карда шудааст.

**Дар боби якум - “Асосҳои назариявию методологии буҷетикунонии барномавию ҳадафманд дар пояи равишҳои лоиҳавӣ”** (с. 15-59) ҷанбаҳои назариявии татбиқи усули ҳадафманди барномавӣ ҷиҳати ташаккули буҷет, принсипҳо ва шароиҳои асосии татбиқи буҷетикунонии барномавиву ҳадафманд, таҷрибаи ҷаҳонии татбиқи буҷетикунонии барномавиву лоиҳавӣ таҳқиқ гардидаанд.

Муаллиф вобаста ба ифшои ҷанбаҳои назариявии татбиқи усули буҷетикунонии барномавиву ҳадафманд мафҳумҳои ба ҳам тавъами «принсипи ҳадафманди банақшагирӣ», «равиши системавии банақшагирӣ», «буҷетикунонӣ дар асоси барномаҳо», «банақшагирии буҷетӣ, ки ба натиҷа нигаронида шудааст», «банақшагирӣ ва идоракунии ҳадафманд», «усулҳои буҷетикунонӣ ва идораи барномавию ҳадафманд», «принсипи ҳадафманди банақшагирӣ дар буҷетикунонии барномавӣ»-ро мавриди таҳлил қарор дода дар заминаи таҳлили онҳо мафҳуми буҷетикунонии барномавиву ҳадафмандро равшан кардааст. (с. 15-20),

Дар ин заминаи назариявӣ-методологӣ муаллиф ақидаи худро оиди усули барномавиву ҳадафманд пешкаш кардааст ба таври зерин: “усули барномавию ҳадафманд тариқи татбиқи усулҳои сершумори банақшагирӣ ва пешгӯикунӣ, нисбатба усули маъмули буҷетикунонӣ афзалиятҳои муайянро доро буда, низоме мебошад, ки истифодаи захираҳои буҷетӣ ва иҷроиши онҳоро дар тамоми равандҳои фаъолияти буҷет, тибқи барномаҳои афзалиятноки тасдиқгардида, дар доираи санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ амалӣ намуда, алоқамандии равандҳои буҷетиро барои рушди иҷтимоиву–иқтисодӣ таъмин менамояд. Хусусияти фарқкунандаи ин равиш таваҷҷуҳи хос доштанаш ба натиҷагирӣ мебошад.” (с.22)

Аз ҷониби муаллиф ҷанбаҳои назариявии татбиқи равиши буҷетикунонии барномавиву ҳадафманд, гуруҳбандӣ шуда тавассути (расми 1.1.1) шарҳи васеъи он пешкаш карда шудааст(с. 22-25).

Дуруст муайян карда шудааст, ки ташаккул ва татбиқи усули буҷетикунонии барномавию ҳадафманд усулҳои фаъоли афзалиятнокӣ ва банақшагириву пешгӯикуниро, самаранокии он дар баҳодиҳии сарфа кардани воситаҳои буҷет ва ғайра унсурҳоро фарогир мебошад.

Муаллиф дуруст иброз медорад, ки “... дар Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқи усули барномавию ҳадафманди буҷетикунонӣ дар давраҳои муайян ҳанӯз пурра мақоми худро пайдо накарда, пояи меъёриву ҳуқуқии ба он мусоидаткунанда низ ба таври кофӣ коркард нашуда, муносибати ҷиддиро талаб мекунад.”(с.24).

Аз тарафи муаллиф муайян гардида аст, ки “ усули барномавиву ҳадафанди буҷетикунонӣ таконбахши равандҳое мегардад, ки тавассути онҳо барои ноил гардидан ба натиҷаҳои сармарабахши хароҷотҳои давлатӣ, баланд шудани сифати хизматрасониҳо расидан осон гардида, самаранокии ҳадафҳои стратегӣ афзун гардида, татбиқи захираҳо ва воситаҳои буҷетӣ ва истифода кардани онҳо дар самтҳои афзалиятноку аҳаммиятнок беҳтар мегардад”. (с. 26). Лекин, бояд қайд кард, ки моҳияти раванди буҷетикунонии барномавию ҳадафманд дар доираи истифодаи он дар бахши буҷети давлатӣ ( зербоби 1.1.) таҳқиқ гардида, хусусиятҳои истифодаи ин усули муосир дар бахши саноат дар умум ва дар доираи корхонаҳои саноатӣ муайян карда нашудаанд. (с.27)

Аз тарафи муаллиф хулосаи назариявӣ-методологии дуруст таъкид гардидааст, ки татбиқи дуруст ва самараноки усули буҷетикунонии барномавиву ҳадафманд аз риояи маҷмуӣ принсипҳо ва ташкили шароиҳои зарурӣ, алалхусус таъмини истифодаи ҳамаи унсурҳои ба он хос, вобастаги дорад.(с. 27- 32)

Муаллиф дар мавриди принсипҳои усули буҷетӣ барномавӣ ба ғайр аз панҷ принсипи анъанавӣ (таъминоти иттилоотӣ ва бамаврид будан, кифоягии иттилоотӣ, принсипи ҳамгирой, синергия ва кооператсия, чандирияти идоракунӣ ) принсипи муаллифиро низ пешниҳод намуд - иттилоот ба ҷомеа. (с. 33-34). Дуруст хулоса пешкаш карда шудааст, ки "самаранок татбиқ шудани принсипҳои асосии буҷетикунонӣ дар пояи равиши лоиҳавӣ фароҳам овардани шароитҳои хосе амри зарурӣ мебошад." (с.34). Дар ин замина аз тарафи муаллиф татбиқи чунин шароитҳо зарурӣ арзёбӣ гардидааст, ба монанди фароҳам овардани ҷаззобияти фазои сармоягузорӣ дар кишвар, ташаккули муҳити мусоиди рақобатӣ ва густариши фановариҳои рақамӣ ва инноватсионӣ.(с.34-42).

Таҳлили таҷрибаи хориҷии истифодаи усули буҷетикунонии барномавиву лоиҳавӣ нишон дод, ки бештари кишварҳои пешрафта аз истифодаи он дар дар сатҳи корхонаҳо, минтақа ва дар сатҳи миллӣ самараи муайянро ба даст оварданд. (с. 42 - 43).

Аз тарафи муаллиф таҳлили таҷрибаи татбиқи равиши буҷеткунонии барномавиву ҳадафманди чунин кишварҳои рушдкарда ба монанди Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Канада, Фаронса, Шветсия, Британияи Кабир, Олмон, Финландия, Ҷопон, Зеландияи Нав ва кишвари Австралия ва давлатҳои рӯ ба тараққӣ ба монанди Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Мордовия, Ҷумҳурии Қазоқистон ва ғайра гузаронида шудааст. ( с. 43-56).

Аз таҳлили таҷрибаи хориҷи муаллиф ба хулосаҳои дуруст оиди татбиқи ҷузвҳои асосии усули буҷетикунонии барномавию ҳадафмандро дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон пешкаш кардааст, инчунин: дар доираи воридоти ислоҳоту тағйирот ба низоми буҷетикунонӣ бештар ба самтҳои стратегии барномавӣ бояд аҳамият дода шавад; бояд низоми нишондиҳандаҳо ва баҳогузории онҳо коркард карда шавад; хароҷотҳои давлатӣ тибқи барномаҳои коркардшуда ва зербарномаҳои онҳо равона шавад; низоми назорат ва таҳлил ҷорӣ шавад; тавассути идораи бонизоми равандҳои ба хароҷотҳои буҷет мутааллиқбуда назорати равандҳои амалишавии ӯҳдадориҳо пурзӯр карда шуда, механизми шаффофи баҳогузории самаранокии хароҷотҳо ва воситаҳои тақсимшудаи буҷет, назорати фаъолияти ашхоси идоракунандаи онҳо дар доираи барномаҳои ҳадафманд ба роҳ монда шавад. Инчунин, дар ин замина субъектони ваколатдори ҳар як барнома ва сарпарастони он муайян карда шуда, аз болои шахсони уҳдадор ва ба хароҷотҳои буҷет ҷавобгар, назорат бурда шуда, низоми таъминнамоии кадрии барномаҳои ҳадафманд ташаккул дода шавад. (с. 56-57).

**Дар боби дувум - “Таҳлили ҳолат ва тамоюли буҷетикунонии ҳадафманди рушди бахши саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”** (с. 60-112) ҳолати муосири механизми буҷетикунонии ҳадафманди рушди саноати ватанӣ, баҳогузории самаранокии он, таҳлили ҷаззобияти сармоягузории бахши саноат ҳамчун заминаи буҷетикунонии ҳадафманди рушди он таҳқиқ карда шудааст.

Муаллиф ҳолати муосири рушди бахши саноатӣ ватаниро бо истифода аз маҷмӯи нишондиҳандаҳои асосии соҳавӣ, мутобиқати он бо ҳуҷҷатҳои сатҳи миллӣ ( СМР 2030) ва соҳавӣ таҳлил намудааст. Муайян карда шудааст, ки давраи солҳои 2015–2023 шумораи корхонаҳои саноатӣ 49,5 % афзоиш ёфта, ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ бошад 2,8 маротиба зиёд гардида, шумораи миёнаи солонаи кормандони соҳа ӣ 7,8 % афзоиш ёфтааст, ки мусби арзъебӣ мегардад. Аммо, агар аз соли 2015 то соли 2020 ҳиссаи саноат дар ММД тамоюли афзоиш дошта бошад, пас ин нишондиҳанда соли 2023 нисбат ба соли 2022 ба андозаи 4,9 б.ф. кам шудааст. ( с. 60-63).

Муаллиф хулоса менамояд, ки “дар афзоиши бемайлони нишондиҳандаҳои асосии бахшҳои саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши буҷетикунонии лоиҳаҳои марбут ба рушди саноат муҳим ва қобили қайд мебошад”, лекин бо сабаби таҳқиқ нагардидани ин раванд дар воқеият, он бештар тавсифи декларативӣ дорад.( с.63)

Дар рисола динамикаи ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ дар минтақаҳо таҳқиқ гардида нобаробарии сатҳи рушди минтақавии саноат аз маҷмуӣ омилҳо, инчунин татбиқи лоиҳаҳои марказонидашудаи банақшагирии лоиҳаҳои мақсаднок барои рушди кишоварзӣ, маориф, инфрасохтор, тандурустӣ, бахши саноат дар солҳои 1970-1980 ва дар даврони истиқлолият вобаста шудааст. (с.64-66) Таҳлили муаллиф нишон медиҳанд, ки дар даври солҳои 2015–2023 маҷмуи маҳсулоти саноатӣ 34 661,0 млн. сомонӣ афзоиш ёфта, дар он ҳиссаи саноати истихроҷ 6,5 б.ф. зиёд шуда, ҳиссаи саноати коркард бошад 4,7 б. ф. ва ҳиссаи истеҳсолу тақсими неруи барқ, об, газ ва гармӣ 1,7 б.ф. кам гардидааст. Аз ин лиҳоз, муаллиф дуруст хулоса мекунад, ки “дар самти ҳавасмандгардонӣ ва тадбирҳои рушд додани бахшҳои мухталифи иқтисодиёт, минҷумла саноати кишвар ... “ механизмҳои мавҷудбудаи иқтисодиву идорӣ такомул дода шуда, коркарди онҳо ба самти самаранокӣ нигаронида шавад, ки дар навбати худ таҳияи барномаҳои буҷетии мушаххас ваислоҳот дар бахши идораи давлатиро талаб мекунад.” (с. 70).

Таҳқиқоти муаллиф нишон дод, ки хароҷотҳои буҷети давлатӣ дар бахши саноат дар давраи 2015-2023 дар маҷмӯъ 3,9 маротиба афзоиш ёфта, дар бахши сӯзишворию энергетикӣ қариб 4,3 маротиба, дар бахши истихроҷу коркарди канданиҳои фоиданок, саноати истеҳсоли маъдани кӯҳӣ, сохтмон - қариб 2 маротиба касб намуда, нишондиҳандаҳои инъикосгари саҳми назарраси хароҷотҳои давлатӣ дар рушди бахши саноат ва маблағгузориҳои буҷетӣ, новобаста ба ҳаҷми маҳдуди онҳо, мебошад. Лекин, барои рушди бахшҳои мухталифи саноат тақсимоти хароҷотҳои давлатӣ бо назардошти ташаккул ва амалӣ намудани барномаҳои ҳадафманди буҷетӣ бояд роҳандозӣ гардад. (с.74-75).

Аз ин лиҳоз, аз тарафи муаллиф баҳогузории самаранокии буҷетикунонии рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳандозӣ шуд. Муйаян гардид, ки мушкилотҳои истеҳсолоти инноватсионӣ ва рақобатпазирии маҳсулоти корҳорнаҳои саноатӣ, фарсудашавии фондҳои асосӣ, камчинии воситаҳои сармоягузорӣ чандин солҳо вуҷуд дошта, ба замми онҳо мушкилотҳои нави дохиливу хориҷӣ пайдо гаштанд. ( с.75-79) Гуфтан ҷоиз аст, ки аз тарафи муаллиф зарурияти баҳогузорӣ намудани коркарди лоиҳаҳои буҷетикунонии ҳадафманд на аз таҳлили вазъи воқеии соҳавӣ, балки натиҷаи истифодаи таҳлилҳои олимони ватанӣ хулосабардорӣ шудааст, ки аз маҳдуд истифода шудани усулҳои таҳқиқотӣ аз тарафи муаллиф далолат мекунад. ( с.79-80).

Барои баҳогузории самаранокии лоиҳаҳои буҷетӣ нишондиҳандаи даромади пулии софи буҷет, ки дар асоси фарқияти дисконтиронии даромад ва хароҷотҳои буҷет муайян карда шуда, инчунин даромади дохилӣ ва индекси даромаднокии буҷет истифода шудааст. ( с.80-82). Муаллиф таҳқиқоти самаранокии ҳароҷотҳои буҷетӣро ба лоиҳаҳои саноатӣ дар солҳои 2015-2023 дар доираи буҷети маҳаллӣ ва буҷаи ҷумхуриявӣ таҳлил намудааст. (с.83-88)

Аз тарафи муаллиф “барои муайян сохтани самаранокии буҷетикунонии барномавиву ҳадафманди рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон моделсозии иқтисодӣ-риёзӣ” истифода гардидааст. (с. 89-94)

Бо назардоште он, аз тарафи муаллиф “дар ҷараёни моделсозии риёзӣ-иқтисодӣ нишондиҳандаҳои даромади буҷет аз сармоягузориҳо ва грантҳо” (с.90) ба инобат гирифта нашудааст, ҳол он, ки онҳо сарчашмаҳои асосии сармоягузориҳои давлатиро ба бахши саноат ташкил медиҳанд, хулосаҳои ниҳои зербоби мазкур оиди арзебии самаранокии татбиқи раванди буҷетикунонии барномавию ҳадафманди лоиҳаҳои бахши саноатӣ этимоднокии махдудро доро мебошанд.

Таҳлили ҷаззобияти сармоягузории бахши саноат чун заминаи буҷетикунонии ҳадафманди рушд низ дар асоси истифодаи таҳқиқотҳои характери назариявӣ гузаронида шуда, хулоса карда шудааст, ки равишҳои арзёбии ҷаззобияти бахши саноат аз усулҳои гуногун иборат буда, таҳлили нишондиҳандаҳои молиявии корхонаҳо, инчунин тавсифи фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ, арзёбии таъсири омилҳои берунаву дохиларо дар бар мегирад. (с.94-97; 101-103)

Аз тарафи муаллиф раванди ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи макроиқтисодиёт гузаронида шуда, хулоса карда шудааст, ки он тамоюли гуногун дошта, соли 2022 зиёда аз 33 % сармоягузориҳои ҷалбгардида ба бахши саноат равона гардида, аз он ба саноати коркард зиёда аз 7,7 % ва ба бахши саноати истихроҷ 25,5 % ҷалб карда шудаанд. (с. 97-100). Аз тарафи муаллиф, дар доираи се корхонаи ватанӣ аз минтақаҳои гуногун (ҶММ «Моҳир семент» аз вилояти Хатлон, ҶММ «Ганҷ 2000» аз НТҶ ва ҶММ «Суғд семент» аз вилояти Суғд) , ки ба саноати коркард дохиланд, рейтинги онҳо бо истифодаи усули ҳисоби коэффитсинти интегралӣ, ҷозибияти онҳо барои сармоягузориҳоро муайян гардидааст. (саҳ. 102-106) Инчунин, ҶММ «Ганҷ 2000» бо қиммати интегралии 3,91 рейтинги 3, ҶММ «Моҳир семент» бо воҳиди 1,74 дорои рейтинги 2 ва ҶММ «Суғд семент» бо қиммати 1,12 *дорои рейтинги 1- ро касб намудааст. Яъне*, арзъебии самаранокии ҷозибияти корхонаҳои саноатӣ заминаи мусоид барои татбиқшавии равиши барномавиву ҳадафманд шуда метавонад (с.106-109).

**Дар боби сеюм-“Самтҳои афзалиятноки буҷетикунонии барномавию ҳадафманди бахши саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”** (с. 113-155) , ки аз коркард ва татбиқи лоиҳаҳои омузишии буҷетикунонии ҳадафманди рушди бахши саноат, татбиқи буҷетикунонии ҳадафманди рушди бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити иқтисоди рақамӣ бо ба инобат гирифтани хусусиятҳои он таҳқиқ карда шудааст.

Гуфтан ҷоиз аст, ки муаллиф дар асоси омузиши назариявӣ-аналитикӣ хулоса менамояд, ки “яке аз сабабҳои асосии ғайрисамаранок ба роҳ мондани равандҳои буҷетикунонӣ ин нарасидани кадрҳои ихтисосманди” ин раванд дар сатҳи корхонахои саноатӣ ба ҳисоб меравад. (с. 113-114)

Дар ин замина барои татбиқи лоиҳаҳои ҳадафманди буҷети барномавӣ аз зинаҳои поёнии идоравӣ дар доираи фаъолияти бахшҳои ба молияи мақомотҳои маҳалливу минтақавӣ (ҷамоат, шаҳр, вилоят)

мутааллиқбуда, бояд лоиҳаҳои омӯзишӣ–тренингӣ коркард ва дар амал татбиқ карда, дар ин замина коркарди лоиҳаҳои буҷетикунонии мақсадноки корхонаҳо, соҳа дар вилоёту минтақаҳо ва шаҳрҳо таъмин карда шавад. (с. 114-118) Аз ин лиҳаз, муаллиф консепсияи ташкил ва баргузории лоиҳаҳои омӯзишии ҳадафмандро таҳия намуда, онро муфассал шарҳ додааст. (с. 120-128).

Муаллиф дуруст иброз медорад, ки дар раванди рақамикунонӣ бо суръати баланд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳандозӣ шуда истодааст, зарурати мутобиқати онро ба равандҳои буҷетикунонии барномавию ҳадафманди соҳаҳо, инчунин дар доираи корхонаҳои саноатӣ, бо назардошти хусусиятҳои ҷойдоша, бояд таҳқиқ гардад. (с. 128-132)

Муаллиф ба ҳайси низоми мусоидаткунандаи татбиқи буҷетикунонии барномавию ҳадафманд дар корхонаҳои саноатӣ «низоми банақшагирӣ, сохтани барномаҳо ва буҷетикунонӣ» –ро , ки, ба истилоҳ «Planning programming budgeting system (PPBS)», номгузорӣ шудааст, истифодаи барномаҳои муосире аз қабили “Trello”, “Asana”, “Microsoft Teams” ва “Slack” ва ғайраҳо пешниҳод менамояд. (с. 133-150). Дар ин замина механизми такмили низоми буҷетикунонии ҳадафманд дар шароити иқтисодиети рақамӣ аз тарафи муаллиф коркад ва пешниҳод гардидааст, ки баҳри ноил гардидан ба ҳадафҳои саноатикунонии босуръати иқтисоди миллӣ мусоидат менамоянд. (с.150-152)

Дар зербоби **Хулоса** (с. 156-159) натиҷаҳои асосии назариявӣ-методологии таҳқиқот ва дар зербоби **Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо** ( с.160-164) тавсияҳое илман асоснок пешкаш шудаанд

## Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда

Асоснокии хулосаю тавсисяҳои таҳқиқот аз истифодаи асарҳои бунедӣ ва назариявию методологии олимонӣ ватанӣ ва ҳориҷа, ки ба равандҳои молия, буҷету буҷетикунонӣ ва буҷетикунонии барномавиву ҳадафманди бахшҳои гуногуни иқтисодӣ бахшида шудаанд, сарчашма мегирад.

Эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсия аз истифодаи дуруст ва саҳеҳӣ усулҳои маъмули таҳлилу синтез, қиёскунӣ, баҳогузориҳо ва усулҳои махсуси иқтисодӣ-риёзӣ, мантиқӣ, пешгӯикунӣ, оморӣ ва дигар манша мегирад. Инчунин, истифодаи сарчашмаҳои расмии маълумотҳо ба монанди санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумотҳои омори расмӣ- Агентии омори назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботҳои Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, иттилооти ниҳодҳои илмӣ–тадқиқотӣ, маълумотҳои нашрияҳо ва интишороти даврии касбӣ, маълумотҳои шабакаи Интернет ва ғайра ташкил додаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои байналмиллалӣ ва ҷумҳуриявӣ ироа ва дар маводҳои онҳо нашр гардидаанд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо**

**Аҳаммияти илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар рушди заминаҳои назариявӣ ва методологии илми молия, алахусус раванди он, ки бо ташаккул ва татбиқи равиши буҷетикунонии барномавӣ дар пояи лоиҳаҳои ҳадафманди соҳавӣ ва маҷмӯи тавсияҳои илман асоснок оиди такмили ин раванд алоқаманди дорад.

Дар ин замина, тавсияҳо оид ба истифодаи натиҷаҳои диссертатсия, ки самтҳои асосии ташаккули низоми муосири буҷетикунонии ҳадафманди лоиҳавӣ, механизмҳои мукаммалсозии равандҳои буҷетикунонии барномавию ҳадафманд ва таъмини самараноки онҳо дар фаъолияти Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми таҳияи қонунҳои соҳавӣ, буҷаи давлатӣ ва маҳаллӣ, коркарди Барномаҳои рушди миллӣ, минтақавӣ ва соҳаи саноат, инчунин Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ, омодаи тавсияҳои методӣ-соҳавӣ барои корҳонаҳоии саноатӣ истифода карда шаванд.

Инчунин,натиҷаҳои диссертатсия дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар, ҳангоми омӯзиши курсҳои «Молия», «Буҷет ва низоми хазинадорӣ», «Идораи молияи давлатӣ» бояд истифода шаванд.

**Аҳаммияти амалии диссертатсия** дар истифодаи тавсияҳои методӣ ва амалии он баҳрӣ роҳандозии равади самараноки ташаккул ва такомул додани буҷетикунонии барномавиву ҳадафманд дар ҳамаи сатҳои иқтисодиети миллӣ, алалхусус, дар бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ва амалишавии бештари лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар тамоми манотиқи кишвар мусоидат мекунад.

**Аҳаммияти иқтисодии натиҷаҳои диссертатсия** дар он зоҳир мегардад, ки амалишавии тавсияҳо ва пешниҳодҳои илман асоснок боиси самаранок гардидани идоракуни ва танзими бахшҳои гуногуни иқтисодиети миллӣ, вазорату идораҳо, инчунин дар сатҳи корҳонаҳои саноатии давлатӣ ва бахши хусусӣ барои баландбардоштани

самаранокии истифодаи маблағҳои буҷети давлатӣ, инчунин дар сатҳи маҳаллӣ, афзудави ҳаҷми сармоягузориҳои дохилӣ ва ҳориҷа ба соҳаи саноат, ташаккули фазои мусоиди сармоягузорӣ ва таъмини рақобатпазирии иқтисодиети миллӣ дар асоси рушди устувор ва босуъати бахши саноат гардад.

**Аҳаммияти иҷтимоии** натиҷаҳои диссертатсионӣ дар он аст, ки тавсияҳои пешниҳод гардида метавонад ба раванди тартиб ва амалисозии лоиҳаҳои мақсаднокӣ сармоягузорӣ бо ҷалби бештари маблағҳои буҷетӣ ва хусусӣ истифода шуда, барои ташкили ҷойҳои нави кории пурмасъул, алалхусус барои ҷалби ҷавонон ва духтарорну занон ба иқтисодиети миллӣ, баландшудани сатҳи зиндагии мардуми кишвар, инчунин самаранок истифодаи маблағҳои буҷавӣ барои дасстгирии соҳаҳои иҷтимои ва иқтисоди мусоидат намояд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ**

Доир ба мавзуи диссертатсионӣ, аз ҷониби муаллиф 12 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаву нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонида шудааст.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Диссертатсияи Ҳанифаи Эмомӣ Азимзода дар мавзуи “Ташаккули низоми буҷетикунонии барномавию ҳадафманди рушди бахши саноат” таҳқиқоти илмии баанҷомрасида буда, мутобиқ ба муқаррароти бандҳои дахлдори «Низомномаи шурои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани унвонҳои илмӣ» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 30 июни соли 2021, № 267) омода ва ҷавобгӯй мебошад.

Муқаддима ва бахшҳои он, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷм, муҳтавой диссертатсия ба талаботҳои Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ (Фармоиши Раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, № 493), бо назардошти эродҳои муққариз, омода гардидааст.

**Эродҳо ва баъзе тавсияҳо ба диссертатсия**

Дар баробари дастовардҳои қайдшудаи илмӣ-назариявӣ ва амалӣ, диссертатсия дорои чанде аз эроду камбудиҳо мебошад, инчунин:

1. Аз тарафи муаллиф барои инъикоси мутобиқати диссертатсия ба ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ва бандҳои мувофиқи он на Бюллетени Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон № 1 2 (25-26) 2023 (с.265-267) , балки сарчашмаи кухна истифода ,шудааст, ки ба ғалатҳо дар шарҳи бандҳои он дар рисола ва автореферат овардааст.

2. Ба ақидаи муққариз **Объекти таҳқиқот** ғалат арзебӣ гардидааст, бо назардошти мутобиқат ба мувзӯӣ рисола, ки бояд раванди татбиқи буҷетикунонии барномавию ҳадафманд дар соҳаи саноат, на дар умум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос карда шавад. (с. 8)

3. Дар қисмати назариявии таҳқиқот агар муаллиф, дар баробари инъикоси ақидаҳои муаллифони гуногун (расми 1.1.1) оиди буҷетикунонии барномавию ҳадафманд низ шарҳи муаллифиро пешкаш мекард, арзиши илмии рисола пурра ва афзун мегардид.

4. Дар қисмати **Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ** номгӯи васеъи олимони ватанӣ оварда шудаанд, лекин дар матни асосии рисола таълифоти онҳо мушаххас қайд наёфтааст.

5. Дар таҳқиқот таҳлили вазъи муосири татбиқи раванди буҷетикунонии барномавию ҳадафманд дар соҳаи саноат ва корхонаи саноатӣ, хусусиятҳо ва монеъаҳои дар ҷараёни татбиқи он, дар доираи объект ва предмети рисола, аз тарафи муаллиф нокифоя арзебӣ гардидаанд.

6. Дар зербобҳои **Хулосаҳо** ва **Тавсияҳо** оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо, бандҳои онҳо бо алоқаманди ба индекси интишороти муаллиф акс наефтааст.

7. Бо назардошти ҷой доштани ғалатҳои имлоӣ, техникӣ дар омодаи ҷадвалу расмҳо, тавсия дода мешавад, ки Варақаи ислоҳотӣ ба рисола ва автореферат омода ва замима карда шавад.

Бояд қайд кард, ки эродҳои муқариз хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши илмии диссертатсияро коста намекунад.

## Хулоса

Таҳқиқоти диссертатсионии Ҳанифаи Эмомӣ Азимзода дар мавзуи “Ташаккули низоми буҷетикунонии барномавию ҳадафманди рушди бахши саноат”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз омода шудааст, кори илмии ба анҷомрасида баҳисоб рафта, арзиши

илмӣ ва амалӣ дорад. Натиҷаҳои бадастоварда метавонанд дар ташаккули низоми буҷетикунонии барномавиву ҳадафманд дар пояи равиши лоиҳавӣ барои рушди устувор ва босуръати бахши саноат мусоидат намояд.

Таҳқиқоти диссертатсионии Ҳанифаи Э.А. аз ҷиҳати мазмун, мубрамӣ, навгонӣ, асоснокии муқаррароти асосии илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳо ба талаботҳои бандҳои 31, 33, 34, 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 367 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Автореферати диссертатсия мақсад ва муҳтавои асосии таҳқиқотро инъикос мекунад.

Аз ин лиҳоз, хулоса кардан мумкин, ки Ҳанифаи Эмомӣ Азимзода, сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пул ва қарз мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**Сарходими илмии Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ, д.и.и., дотсент** **Шарифзода Б.М.**

**Имзои д.и.и., дотсент Шарифзода Б.М.-ро тасдиқ мекунам.**

**Инспектори калон оид ба кадрҳои ИИД АМИТ** **Зиеева М.**

08.05.2025

Суроға:Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе 734024, Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, кӯчаи С. Айнӣ 44, Почтаи эл.: info@ied.tj %; Тел: +992 (37) 221-67-50; +992 (37) 221-57-65; Факс: +992 (37) 221-67-50.